# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30.05.2025, № 93

Барои сазовор донистани Султонов Муҳамадато Исоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» – ҳамчун нашрияи парламентӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсиони иназди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 23) 27-уми марти соли 2025, суратмаҷлиси № 89 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Султонов Муҳамадато Исоевич 28-уми декабри соли 1961 дар дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик. Соли 1989 Донишгоҳи давлатии ба номи М. Ломоносови шаҳри Маскавро бо ихтисоси рӯзноманигорӣ хатм намудааст.

Фаъолияти кориашро баъд аз хатми Донишгоҳ ба ҳайси мухбири шуъбаи ҷамъиятии хабаргузории «Ховар»-и назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намудааст. Солҳои 1990-2000-ум дар вазифаи мудири шуъбаи ҷамъиятӣ-сиёсии Маркази иттилоотии «Ховар» дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст.

Солҳои 2000-2010 дар вазифаи роҳбари маркази матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз соли 2010 то ин замон мудири шуъбаи матбуоти Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом ёфтааст.

**Роҳбарииилмӣ:** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Муродӣ Мурод Бердӣ.

**Муқарризони расмӣ**: **Муллоев Шариф Боқиевич,** доктори илмҳои филологӣ, профессор, сардори хадамоти матбуотии муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва **Маъмурзода Носирҷон Маъмур,** номзади илмҳои филологӣ, дотсент, сармуҳаррири рӯзномаи «Хатлон» ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонӣ Галимова Моҳинур, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи мазкур Муъминҷонов Зулфиддин, котиби илмии ҷаласа – доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ Мулоева Нишона имзо гардида, бо имзою мухри ректори муассиса, номзади илмҳои филологӣ, дотсент Назарзода Маҳмуд Мирзо пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи Султонов Муҳамадато Исоевич дар мавзуи ««Садои мардум» ҳамчун нашрияи парламентӣ» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи рӯзноманигорӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртиботи қавӣ дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 6 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Султонов, М. Омилҳои пайдоиш ва ташаккули рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 3. – С. 255-261.

[2-М]. Муродӣ, М., Султонов, М. Воқеиятҳои муҳимми рӯз ва инъикоси онҳо дар жанрҳои хабар ва мусоҳиба (дар мисоли маводи рӯзномаи «Садои мардум») / М. Муродӣ, М. Султонов // Паёмномаи фарҳанг. – Душанбе, 2024. – № 3 (67). – С. 89-100.

[3-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» (дар мисоли мухбирнома ва табсира) / М. Султонов // Муносибатҳои байналмилалӣ ва амният. – Душанбе, 2024. – № 3 (11). – С. 175-185.

[4-М]. Султонов, М. Доир ба се марҳалаи инкишофи рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 7. – С. 316-322.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[5-М]. Султонов, М. Мавқеи жанрҳои таҳлилӣ дар рӯзномаи «Садои мардум» / М. Султонов // Сборник материалов Международной научно-практической конференции «Стратегии и тренды развития журналистики, филологии и лингводидактики» (Душанбе: РТСУ, 24 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 177-183.

[6-М]. Султонов, М. Вижагиҳои омӯзиши забон дар жанрҳои мусоҳиба (дар мисоли рӯзномаи «Садои мардум») / М. Султонов // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции «Перспективные направления развития методики обучения русскому языку как неродному иностранному» (Душанбе: РТСУ, 28 ноября 2024). – Душанбе, 2024. – С. 96-102.

**Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

1. **Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, муовини Директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Атозода Муҳаммадиқбол Имомиддин** мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмии диссертант ду эрод манзур шудааст:

1. Дар адабиёти истифодашуда нашми алифбоӣ баъзан иштибоҳ шуда, гоҳе номи муаллиф ва гоҳи дигар номи китоб оварда шудааст. Махсусан, дар адабиёти рақами 2 чунин ҳолат ба назар мерасад.

**2.** Дар фишурдаи диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 5, 11, 12, 23) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, Раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон **Исмоилзода Зинатулло,** дар маҷмуъ, мусбат буда, дар он ба камбудиҳои зерини автореферат ишора шудааст:

1. Хуб мешуд, дар баъзе бахшҳои кор аз муҳтавои эҷодиёти кормандони нашрия намунаҳои бештари маводи журналистӣ барои тақвияти андешаҳои ҷолиби муаллиф истифода мегардид.

2. Дар фишурдаи диссертатсия бо забони тоҷикӣ баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ (саҳ. 13, 19, 29, 32, 34 ва 37) ба назар расид, ки ислоҳи онҳо ба фоидаи кор хоҳад буд.

**2. Тақризи** номзади илмҳои филологӣ, сармуҳаррири Нашрияи рӯзномаи «Омӯзгор» **Сафарзода Эҳсон** низ мусбат буда, дар баробари зикри дастовардҳои илмӣ ва муҳокимаю натиҷагириҳои ҷолиби унвонҷӯ эродҳои зерин оварда шудаанд:

1. Агар ҳангоми таҳлили рӯзномаи «Садои мардум» ба таври қиёсӣ аз рӯзномаҳои парлумонии кишварҳои дигар истифода мекард, ҷанбаи илмии диссертатсия қавитар мешуд.

2. Муҳаққиқ дар боби сеюм – «Таносуби жанрҳои публитсистӣ дар рӯзномаи «Садои мардум»» бештар махсусияти жанрҳоро аз нигоҳи назариявӣ таҳлилу таҳқиқ кардааст. Аз ин рӯ, агар барои асоснок намудани андешаҳояш ба таври намуна маводу матолиби рӯзномаро таҳлилу баррасӣ ва аз нигоҳи жанрӣ муайян мекард, хуб мешуд.

3. Дар автореферати диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар расид, ки ислоҳи онҳо манфиатбор хоҳад буд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- унвонҷӯ Султонов Муҳамадато Исоевич бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии самти рӯзноманигорӣ, хусусан, публитсистикашиносӣ ба омӯзиши «Садои мардум» ҳамчун нашрияи парламентӣ пардохта, кори илмии муҳим ва арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- таҳқиқи диссертатсионӣ дар асоси рӯзномаи «Садои мардум» (1991-2023), «Қомусномаи «Садои мардум» (2011) ва нашрияҳои даврӣ сурат гирифта, маводи интишоршуда аз дидгоҳи илмӣ **коркард шудааст;**

– омилҳои пайдоиш, ташаккул ва марҳалаҳои рушди рӯзномаи «Садои мардум» **баррасӣ гардида**, моҳият ва аҳаммияти нашри ин рӯзнома ва мавқеи он дар низоми матбуоти даврии тоҷик **муайян карда шудааст;**
– вижагиҳои сохторӣ, ороишӣ ва дизайни нашрияи даврии парлумонии «Садои мардум» дар солҳои гуногуни интишор **таҳқиқу баррасӣ гардида,** аносири умумӣ ва хоссаи онҳо **собит шудааст;**
– нақши нашрия дар инъикоси воқеаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ **таъин ва мушаххас шудааст;**
– хусусиятҳои жанрии маводи нашрияи «Садои мардум» таносубан таҳлил гардида, дараҷаи корбурди аносири жанрӣ дар матолиби нашрия **собит шудааст.**

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** масъалаҳои назарӣ, равишҳои таҳқиқ ва хулосаҳои ҳосилшуда дар ин рисола омӯзиш ва шинохти нашрияи парламентиро ҳамчун типи нави матбуоти даврӣ комилтар гардонида, ҷанбаҳои гуногуни нашрияи «Садои мардум»-ро дар инъикос ва баррасии масъалаҳои муҳимми давру замон муайян мекунад.

Таҳлилҳои анҷомёфта, афкори назарии муаллиф ва натиҷаҳои бадастомада дар баррасӣ, шинохту таҳқиқи матбуоти даврӣ ва маводи публитсистӣ мусоидат карда метавонанд. Натиҷаҳои ҳосилшуда ва равишҳои пажуҳишии муҳаққиқро дар ҷараёни таҳқиқи масъалаҳои ҳамгун ва зимни баррасии дигар нашрияҳои даврӣ метавон истифода бурд.

Арзиши амалии диссертатсия дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар диссертатсия фароҳамомада ва натиҷаҳои таҳқиқро метавон ҳангоми таҳияи маводи таълимӣ ва омода намудани китобҳои дарсӣ аз таърихи матбуоти даврии тоҷик, асосҳои фаъолияти рӯзноманигорӣ барои факултет ва шуъбаҳои рӯзноманигории муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таълифи рисолаҳои илмӣ оид ба матбуоти муосири тоҷик, ташаккул ва таҳаввули жанрҳои публитсистика мавриди истифода қарор дод.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ аз афкори назарӣ ва таҷрибаи илмии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла И. Усмонов, А. Нуралиев, А. Саъдуллоев, П. Гулмуродзода, А. Азимов, М. Муродӣ, М. Абдуллозода, Ҷ. Саъдуллоев, Ш. Муллоев, С. Хоҷазод, Б. Қутбиддинов, В.М. Горохова, С.М. Гуревич, Е. Прохоров, В. Учёнова, В. Ворошилов, И.Д. Фомичева, А. Тертичний, М. Ким ва дигарон истифода гардида, дастовардҳои илмии онҳо ҳамчун заминаҳои назарии таҳқиқ ба кор рафтаанд.

Дар диссертатсия вобаста ба масъалагузориҳои мушаххас аз методҳои таърихӣ, муқоисавӣ, таҳлили сохторӣ, сифативу миқдорӣ, таҳлили анъанавӣ, контентӣ ва шарҳу тафсири оморӣ истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки аз баҳсҳои дар диссертатсия суратгирифта, натиҷаҳои бадастомада ва равишҳои таҳқиқии истифодабурдаи муаллиф дар раванди ҷустуҷӯҳо ва пажуҳишҳо оид ба нашрияи «Садои мардум», вежагиҳои он ва масоили марбут ба публитсистикашиносии тоҷик метавон истифода бурд. Маводи диссертатсия ва хулосаҳои онро зимни навиштани мақолаҳо ва таълифоту таҳқиқоти илмӣ оид ба масъалаҳои омӯхтанашудаи таърихи матбуоти даврии тоҷик дар замони истиқлол, ҳангоми баррасии масъалаҳои алоқаманд ба рӯзномасозӣ ва рӯзноманигорӣ ва таъини арзиши илмии асарҳои публитсистии матбуотӣ мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии самти рӯзноманигории ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми мавод, коркарди натиҷаҳо, ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили сарчашмаҳо ва таҳқиқи осори назарӣ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия барраси шуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифодашудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули ҷустуҷӯ ва фаъолияти илмии чандсолаи муаллиф буда, саҳми фардии ӯ дар гирдоварӣ ва таҳқиқи зиёди манобеи зиёди илмӣ роҷеъ ба нашрияи «Садои мардум» ба сифати нашрияи парлумонӣ ва дар ин замина муайян намудани хусусиятҳои шакливу ороишӣ, мундариҷавию жанрӣ ва масъалаҳои марбут ба матбуоти даврӣ мушаххас мешаванд.

Муаллиф бо истифода аз равиши илмӣ дар баррасии масъалаҳо, пешниҳоди усулҳо, таҳқиқи масъалаҳои публитсистикашиносӣ, муайян сохтани арзиши илмии маводи интишоршуда, ба низом даровардан ва ҷамъбаст кардани натиҷаҳои бадастомада, пешниҳоди маълумот ва фароҳам сохтани замина барои таҳқиқоти баъдӣ, интихоби мавод ва интишори натиҷаҳои таҳқиқ саҳми назаррас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 30-юми майи соли 2025 дар бораи сазовор донистани Султонов Муҳамадато Исоевич ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шуро 15 нафар (1 нафар тариқи маҷозӣ) (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, № 360/шд), аз ҷумла 5 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ иштирок доштанд.

Аз 15 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 15 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мақсудзода Б.М.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Бобомаллаев И.Ҷ.

30.05.2025.